**Тақриз**

ба автореферат ва диссертатсияи Қайюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқии тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Моҳият ва муҳиммияти мавзуъ.** Аҳаммияти тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, такмилёбии сифатҳои ахлоқӣ-мънавӣ дар низоми таҳсилот ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Консепсияи мактаби миллӣ", "Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак" ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар диссертатсия ва автореферат ба таври возеҳ таҳлил карда шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки дар ҷанбаҳои гуногуни анъанаҳои халқи тоҷик ба сифати мавзуъ ва ҳадафи асосӣ тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас интихоб гардида, дар мероси педагогикаи халқӣ (хаттию шифоҳӣ), зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик, назария ва амалияи тарбияи инсон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ эҷод шудаанд.

Дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия кардани инсон меҳру муҳаббати онро нисбат ба Ватан- Модар дучанд афзоиш дода, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар он ташаккул медиҳад.

Тавре ки худи унвонҷӯй иброз медорад, шукуфоии минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарбияи шахсияти дорои дараҷаи баланди ахлоқӣ, олами ботинии ғанӣ, бо эҳсосоти волои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас вобастагӣ дорад.

**2. Муҳтавои асосии диссертатсия:**

1. Асосноккунии низоми назариявӣ ва методии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъана ва мероси педагогии халқи тоҷик.

2. Омили муҳтавоии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқии тоҷик.

3. Тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷик,

асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс раванди ниҳоят муҳим, бонизом ва муттасили педагогие мебошад, ки ба ташаккули меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватан, падару модар, таърихи диёр, забони модарӣ, халқи худ, анъанаҳо ва ормонҳои он мусоидат мекунад.

4. Самаранокии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо ҳамкории оилаю мактаб, якҷоягии корҳои таълимӣ, беруназсинфӣ ва берунazмактабӣ таъмин гардида, ташкили маҷмуиро бо шумули самтҳое аз қабили таърихӣ-кишваршиносӣ, адабию мусиқӣ, қаҳрамонӣ ва хотиравӣ тақозо дорад.

5. Тарбияи сифатҳои тақозошавандаи ахлоқӣ - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазиро бояд дар маҷмуъ бо малакаҳои рафтори боадабона, эҳтиром ба калонсолон, бо назардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, ҳамзамон бо тавсеаи донишҳо дар бораи ҷаҳон бояд амалӣ сохт.

**3.Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Эътимоднокии нуктаҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида ба тариқи зайл таъмин мегардад:

- бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофиқат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот;

– раваанди тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асосӣ анъанаҳои халқи тоҷик;

- бо натиҷаҳои таҷрибаи омӯзишӣ, ки бо истифодаи воситаҳои самараноки санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст дар асоси баҳисобгирии маълумот оид ба тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба даст омадаанд;

-истифодаи маҷмуи усулҳо, ҳадафҳо, вазифаҳои мувофиқ ба мавзуи таҳқиқот, такмили мутақобили методикаи таҳқиқот, такя ба амалияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти намояндагӣ дар интихоби омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми пурсишҳои шифоҳӣ.

**4.Падидаҳои навине, ки аз таҳқиқот бармеоянд:**

- кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик ошкор шуд;

- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои “ватандӯстӣ”, “сулҳпарварӣ” ва “таҳаммулпазирӣ” таҳия карда шуданд;

- хусусиятҳои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ва дар давраи фаъолияти берунazмактабӣ ва беруназсинфӣ ошкор гардиданд;

- шароити тарбияи босамари ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд;

- афзалият дар амалисозии вазифаи педагогии тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуданд;

- муҳтавои асосӣ ва хусусиятҳои ташкили намудҳои гуногуни муассири фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун воситаи самараноки тарбияи ахлоқии кӯдакон дар вазъияти кунунии иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шуданд;

- роҳҳои мақбул ва равишҳои ҷорӣ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ дар амалияи фаъолияти ҳамарӯзаи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хоси хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудаст.

Боби якуму дуюми диссертатсия ба мавзуъҳои "Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон" ва "Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик"бахшида шуда, дар он осори мутафаккирон ва педагогикаи халқӣ роҷеъ ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ҷойгоҳи он дар стандарту барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар дастуру воситаҳои таълимиву тарбиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби 3-юм ва 4-уми диссертатсия ба мвзуъҳои "Истифодаи усулҳо ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик" ва "Баррасии масоили ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ"бахшида шудааст. Дар раванди таълиму тарбия дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ, инчунин, фаъолияти роҳбари синф оид ба амалисозии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертант дар тавсифи умумии кор оид ба мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои умумии методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявии таҳқиқот ва ва ғайра

маълумоти боэътимод додааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос намуда, дар шакли 36 интишороти илмӣ: аз он ҷумла, 25 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расида, 6 номгӯй манография ва дастурҳои таълимиву методӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашриёҳои дигар нашр шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиети истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 370 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад. Дар кор 3 диаграмма, 8 ҷадвал ва 478 номгӯйи адабиёт истифода шудааст

Дар баробари муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Инҳо хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошанд, ки мазмуну мундариҷаи кори таҳқиқотиро коста намегардонанд.

## ХУЛОСА

Кори илмӣ-таҳқиқотии Қайюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқии тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарӣ
ва методикаи таълими онҳо, факултети
омӯзгорӣ ва фарҳанги ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Бозоров Х

19.08.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
С. Сафаров 16. Тел.: (992) 985 56-41-21

Имзои Бозоров Хушвахтро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК-и ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.

МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН · ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ · РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС